**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.

________________________

«25» 04 2024 с.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Муродова Парвина Бобоҷоновна соли 2013 факултети романӣ-германии Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзодаро аз рӯйи ихтисоси “тарҷумони забони англисӣ” хатм кардааст. Солҳои 2014-2015 ба ҳайси муаллимаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ш.Душанбе фаъолият кардааст. Аз соли 2016 то ҳол дар кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси ассистенти кафедраи фаъолият намуда истодааст.

Роҳбари илмии Муродова Парвина Бобоҷоновна доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тӯраҳасанов Қодирқул Шодиқулович** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, таҳти №10 тасдиқ гардидааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Муродова Парвина Бобоҷоновна 02-юми сентябри соли 2023 дар мавриди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ маълумотнома додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» таҳқиқи комилу анҷомёфтаи илмист, ки дорои аҳаммияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажуҳиши пурдомана ва муфассали илмиеро анҷом додаст, ки он дар сатҳи хуби илмӣ

тахия гардидааст. Рисола бо масъалагузории чиддии илмӣ, диди тоза ва масъалагузориҳои дақиқ сурат гирифтааст. Муаллиф масоили муайяни илмиро бонизом ва дар сатҳи лозимии илмӣ ҳаллуфасл намудааст. Таҳқиқи мазкур дорои аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Омӯзиши усулҳои калимасозӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба шумор меравад. Омӯзиш ва баррасии вазифаҳои воситаҳои калимасозӣ аз аҳаммияти махсус бархурдор аст, зеро аз рӯйи онҳо усулҳои калимасозӣ муайян карда мешаванд. Таҳлили монографӣ ва системавию комплексии истилоҳоти ҳарбӣ, масъалаҳои калимасозӣ ва иқтидори калимасозии ин истилоҳот дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ қаблан ба миён наомадааст. Аз ин ҷиҳат диссертатсияи мазкур таҳқиқи муҳим арзёбӣ мегардад. Дар он усулҳои калимасозии истилоҳоти ҳарбӣ аз лиҳози муқоисавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Мухтаво ва натиҷаҳои диссертатсия он ба мавзуи таҳқиқӣ робитаи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, № 503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дошта**, ба маводи манзуршуда зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи забон, забоншиносии муқоисавӣ, назарияи забон ва фарҳангнигорӣ метавон такя кард.

Мақсади таҳқиқ бо роҳи таҳлили муқоисавӣ мавриди омӯзиш қарор додани шарҳу тавзеҳи лексикографии истилоҳоти ҳарбӣ дар луғатномаҳои муосири тафсирии забони англисӣ ва тоҷикӣ мебошад.

Барои расидан ба ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

– таҳқиқи заминаҳои назарии омӯзиши муқоисавии шарҳу тавзеҳи лексикографии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

– дақиқу равшан намудани мафҳуми “истилоҳ”, ”истилоҳшиносӣ” ва “низоми истилоҳот” дар забоншиносӣ;

– муайян намудани таърихи пайдоиш ва ташаккули истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

– мушаххас намудани вижагиҳои сохтории истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

– баррасии вижагиҳои маъноии истилоҳоти ҳарбӣ ва таснифи маъноии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда;

– таъйин намудани раванди истилоҳоти иқтибосӣ ва тарҷумаи истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– таҳлил ва таҳқиқи луғатномаҳо ва фарҳангномаҳои истилоҳоти ҳарбӣ;

– шарҳу тавзеҳи лексикографии истилоҳоти ҳарбӣ дар забони англисӣ;

– муайян намудани умумият ва фарқияти истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаи таҳқиқ** фарҳангномаҳои тафсирии забони тоҷикӣ, фарҳангномаҳои тафсирии забони англисӣ, ҳамчунин, фарҳангномаҳои дузабонаи англисиву тоҷикӣ ва тоҷикиву англисӣ истифода шудаанд. Муаллиф дар ҷараёни баррасии масоили ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмӣ-назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода намудааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои бунёдии забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳад, ки ба ин осори забоншиносони хориҷӣ, аз ҷумла В.В. Виноградов, В.С. Расторгуева, А.А. Реформатский, С.Д. Лотте, В.П. Даниленко, ҳамчунин, забоншиносони тоҷик, аз ҷумла Д. Саймиддинов, С. Назарзода, С. Сулаймонов, П. Ҷамшедов, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, А. Мирзоев, Х. Шанбезода, А. Мамадназаров, С. Ҷоматов, Ҳ. Саидов ва дигар муҳаққиқоне, ки ба масъалаҳои муқоисавӣ-типологии омӯзиши ин забонҳо дахл намудаанд, ташкил додааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ бори нахуст шарҳу тавзеҳи лексикографии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи луғатномаҳои муосири тафсирии забонҳои тоҷикиву англисӣ, тавсифи сохторӣ-истилоҳсозӣ ва маъноии истилоҳоти соҳаи ҳарбӣ дар забонҳои муқоисашаванда таҳқиқ мегардад. Дар баробари ин, роҳу воситаҳои истилоҳсозии истилоҳоти ҳарбӣ, ҳамчунин, бори аввал бо усули решашиносӣ истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои мазкур дақиқ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Диссертатсияи номзадии Муродова Парвина Бобоҷоновна аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **аҳаммияти назариявию амалиаш** дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои амалии онро метавон барои таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ, решашиносӣ ва дузабонаи тоҷикӣ, ҳамчунин, тартиб додани луғатномаи вожаю истилоҳоти ҳарбӣ истифода кард.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар 10 мақолаи муаллиф, ки аз миёни онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаи маърузаю гузоришҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошад.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Муродова, П.Б. Фарқият ва монандии исмҳои ҷинс ва хос дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / П.Б. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 1. – С. 76-80.

[2-М] Муродова, П.Б. Исм дар забонҳои муқоисашаванда (дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) / П.Б. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 2. – С. 97-101.

[3-М] Муродова, П.Б. Некоторые лексические особенности интернациональных слов в таджикском и английском языках / П.Б. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 4 – С. 38-42.

[4-М] Муродова, П.Б. Суффиксальный способ образования интернациональных слов в таджикском и английском языках / П.Б. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 37-40.

[5-М] Муродова, П.Б. Способы аффиксального словообразования и калькирования в таджикском и английском языках / П.Б. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 85-88.

[6-М] Асадова, М.Р., Муродова, П.Б. Вожаҳои байналмиллалӣ ҳамчун падидаи забонӣ / М.Р. Асадова, П.Б. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 128-133.

[7-М] Муродова, П.Б. Усули аффиксии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 7. – С. 80-87.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашриҳои дигари илмӣ:**

[8-М] Муродова, П.Б. Хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи исм дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии “Масъалаҳои мубрами истилоҳотшиносӣ дар забонҳои гуногунсохтор”. – Душанбе, 2017. – С. 142-145.

[9-М] Муродова, П.Б. Способы аффиксальных словообразований в таджикском и английском языках // Маводи илмии мизи гирди ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои актуалии забоншиносии муқоисавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”. – Душанбе, 2018. – С. 141-145.

[10-М] Муродова, П.Б. Интернациональная лексика как лингвистическое явление / П.Б. Муродова // Сборник статей научно-теоретической конференции “Современные методы изучения русского языка и литературы в условиях многокультурья”. – Душанбе, 2021. – С. 80-85

Мавзуи таҳқиқшаванда ба самти таҳқиқи илмии кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон робитаи бевосита дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назариявии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назарию амалии мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи осори таҳқиқшавандаро дар заминаи усулҳои муосири забоншиносӣ баррасӣ намудааст.

Дар ҷаласаи муштараки кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ ва кафедраи таърихи забон ва типология қарор қабул шуд, ки ба мавзуи диссертатсия тағйирот ворид карда шавад ва дар шакли **«Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)»** ба ҳимоя пешниҳод гардад.

Кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТ ва кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи ДМТ диссертатсияи унвонҷӯ Муродова Парвина Бобоҷоновнаро дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳим меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ ва кафедраи таърихи забон ва типология қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори №10 аз 20.04.2024.

Мудири кафедраи умумидонишгоҳии
забони англисии ДМТ,н.и.ф. Раҳимов М.С.

Мудири кафедраи
таърихи забон ва типологияи
ДМТ, н.и.ф. Камолзода Х.М.

Имзоҳои М.С. Раҳимов ва
Х.М. Камолзодаро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj